12625 - Калимаи Сайид фалонӣ

савол

Дар минтақаи мо, ҳангоми хитоб калимаи (Сайид фалонӣ)-ро барои шахсоне, ки насаби онҳо ба оилаи муайяне пайваст аст, зиёд истифода мебаранд. Оё ин дуруст мебошад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар шахсе бо ин унвон шинохта шавад, ҳеҷ боке надорад, зеро калимаи "Сайид" барои роҳбари қавм, фақеҳ, донишманд, ё барои насли Фотима, ки аз фарзандони Ҳасан ва Ҳусайн мебошанд, истифода бурда мешавад. Ҳамаи инҳо дар байни мардум машҳуранд. Арабҳо раисони қабилаҳо ва бузургонро (Сайид) меномиданд. Мисли (Сайиди банӣ фалон, яъне роҳбари ин қабила). Чуноне, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳангоме, ки аз баъзе аз арабҳо пурсид, гуфт: "Эй фарзандони фалонӣ, сайиди шумо кист? Эй фарзандони фалонӣ, сайиди шумо кист?" Яъне раиси шумо кист?

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳаққи Ҳасан фармуд: "Ин фарзандам, сайид аст. Шояд Аллоҳ бо воситаи ӯ байни ду гурӯҳи бузурги мусулмонон сулҳу оштӣ бар қарор намояд".

Макруҳ аст, ки инсоне бо ибораҳои (Ё сайидӣ, яъне эй сайидам), (Ё сайидано, яъне эй сайидамон) хитоб карда шавад, зеро ҳангоме ки ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) гуфта шуд, ки ту сайиди мо. Фармуд: "Сайид Аллоҳ таъоло аст". Зеро ин метавонад ӯро ба мағрурӣ ва такаббурӣ бибарад. Аз ин рӯ, бояд онро тарк кард. Бо номҳо ва кунияҳо ва лақабҳое, ки бо он шинохта мешавад, мисли эй фалонӣ, ё эй падари фалонӣ хитоб карда шавад.

Дар мавриди истифодаи ибораҳои (Ё сайидӣ, яъне эй сайидам), (Ё сайидано, яъне эй сайидамон) ҳангоми хитоб ба якдигар, тарк кардани ин беҳтар аст. Поёни сухан.

Аммо мунофиқ ё кофирро "Сайид" гуфтан ҷоиз нест, зеро дар ҳадис омадааст: "Барои мунофиқ сайидамон магӯед, зеро агар сайиди шумо бошад, пас яқинан Парвардигоратонро ба ғазаб овардаед". Ривояти Аҳмад ва Абудовуд ва Насой. Албонӣ ин ҳадисро дар Саҳиҳу-л-Ҷомиъ рақами ҳадис (7405), (саҳ: 1234) саҳеҳ гуфтааст.

Аллоҳ донотар аст.